**Маълумотнома оиди бахрабаранда Азизов Субҳоналӣ – ЛТСК ВМ ҶТ**

Азизов Субҳоналӣ сокини деҳаи Чорбоғ, ҷамоати деҳоти ба номи Сафар Амиршоев, ноҳияи Балҷувон мебошад. Солҳо боз аз роҳ гаштан маҳрум буда, тариқи аробачаи маъюбӣ гашту гузор мекунад, солҳои тансиҳатӣ дар ширкати калоне ҳамчун мутахассиси барқ кору фаъолият мекард. Баъди аз Лоиҳаи "Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ" огоҳӣ пайдо кардан (аз баннери дар ҷамоат оиди ЛТСК), фавран ба Агентии рушд-ТҶ Агросервис Консалтинг" бо дархост барои ҳамкорӣ мурочиат намуд. Кормандони ин ташкилот имконниятҳои ӯро омӯхта, барои сохтани нақшаи тиҷоратӣ кӯмак расонида, инчунин ӯро то мақомоти дахлдори давлатӣ ва институтҳои молиявии





маҳаллӣ хамроҳӣ карданд. Дар натиҷа соҳибкори мазкур аз грантҳои ҳиссавии Лоиҳаи "Тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ- Маблағгузории иловагӣ" тариқи ҶСП ТАҚХ "Имон интернешнл" бархурдор гашт. Номбурда дар замини наздиҳавлигии худаш дар масоҳати 20м2 мағозаи хурдакаке бунёд кардааст. Хароҷоти умумии таъмири ҷории мағоза, хариди таҷҳизот ва моли гардиш



45000-сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 20000-сомонӣ ҳамчун қарзи имтёзнок ва 20000-сомонӣ ҳамчун грант ба ӯ пешниҳод шудааст. Саҳми худи соҳибкор 5000-сомониро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки баъди маблағгузорӣ шудани зерлоиҳа, яъне аз моҳи августи соли 2021 соҳибкори навмашқ дарҳол ба фурӯш маҳсулоти кишоварзӣ оғоз намуд ва аллакай дар моҳи декабри ҳамон сол дар фаъолияти оғозкардаи фоида ба даст оварда шуд. Айни ҳол дар мағозаи ӯ қариб тамоми масолеҳи кишоварзӣ ва молҳои ниёзи аввалия мавҷуд буда, ба аҳолии деҳаи худ ва деҳаҳои ҳамсояҳо хизмат мерасонад. Номбурда боварӣ дорад, ки бо ин роҳ ҳам рӯзии аҳли оиларо таъмин намуда ва ҳам ҳиссаи қарзи бонкиро дар вақташ бармегардонад. Ҳоло ӯ ҳамчун соҳибкори мустақил кору фаъолият карда, аз бахти баланди хеш ва кӯмаку дастгириҳои Ҳукумати кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ меболад. Дастгирӣ ёфтани чунин шахсони ниёзманду меҳнатдӯст намунаи олӣ ва дастгирии соҳибкорони навмашқ мебошад.